**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Таҷрибаи муносибатҳои бозорӣ дар шароити муосир собит менамояд, ки яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ин низоми сармоягузориҳои бонкӣ мебошад. Таъмин намудани иқтисодиёти кишвар бо сармоягузориҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳим ва рӯзмарра ба шумор меравад, чунки бонкҳои низомсози ватанӣ аз маблағҳои ҷалбкардашуда истифода бурда, иқтидори захиравии худро мустаҳкам менамоянд ва сармоягузориро афзоиш медиҳанд.

Яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини шароити мусоид баҳри самаранок фаъолият намудани бонкҳои дар кишвар фаъолияткунанда мебошад. Дар навбати худ бонкҳо низ идоракунии самараноки захираҳо ва баланд бардоштани иқтидори молиявию сармоягузориро ҳадафи худ бояд қарор диҳанд. Чунки таҷрибаи фаъолияти бонкӣ исбот намуд, ки на ҳамаи бонкҳо ба идоракунии самаранок ва баҳодиҳии захираҳо аҳаммияти махсус зоҳир менамоянд, ки чунин муносибат сабаби муфлис гардидани баъзе аз бонкҳо гардидааст.

Тибқи ақидаи муаллиф аз ҷиҳати илмию назариявӣ асоснок намудани роҳҳои ҷалби бештари маблағҳои озод ва ба ин восита таъмини иқтисодиёт бо маблағҳои зарурӣ мақсади таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Инчунин махсус қайд карда шудааст, ки яке аз сарчашмаи асосии иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо ин маблағҳои ҷалбкардашуда мебошад ва ҷиҳати ҷалби бештари онҳо зарур аст, ки усулҳо ва механизмҳои гуногуни ташаккул ва баҳодиҳиро пайдо ва мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Дар автореферати диссертатсия муаллиф асоснок менамояд, ки ташкили фазои мусоид барои сармоягузорон, татбиқ ва такмили низоми қонунгузории кишвар, ҷалби сармояи хориҷӣ ва сафарбар намудани онҳо ба самтҳо, такмили сармояи худии бонкҳо, устувор намудани низоми суғурта дар кишвар, иштироки фаъоли бонкҳо дар бозори коғазҳои

қиматнок, ҷалби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ба бонкҳо, дастгирии вазъи молиявии баъзе аз бонкҳои ноустувор, такмили имконоти институтсионалӣ ва иқтидорҳои илмӣ, пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва андозӣ барои иқтисоди миллӣ хеле муҳим мебошанд. Дар воқеъ масъалаҳои дар боло зикршуда аҳаммияти муҳим дошта ҳангоми таъмини онҳо раванди фаъолияти низоми бонкӣ самаранок хоҳад гардид.

Масъалаи муҳимми дигаре, ки аз ҷониби муаллиф дар автореферати диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ин омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки онро дар шакли муқоисавӣ дар ҷадвали № 1 (саҳ. 12) бо таҳлил ва хулосабарорӣ намудани маълумотҳои оморӣ овардааст. Ҷадвали мазкур диққатҷалбкунанда буда, маълумотҳои заруриро дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсия тибқи талаботҳо омода гардида, шаҳодат аз он медиҳад, ки худи диссертатсия низ дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Хулоса ва ақидаҳои пешниҳод гардидаи муаллиф, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро оид ба мавзуи таҳқиқотшаванда ҷамъбаст намудааст.

Дар қатори нуктаҳои ҷолиби илмию амалӣ, дар автореферати диссертатсия чунин эродҳо мушоҳида мегарданд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 14-и автореферати диссертатсия тавозуни бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистонро барои солҳои 2016 – 2023 дар шакли ҷадвал тартиб додааст. Аз таҳлили ин нишондиҳанда бармеояд, ки ҳаҷми сармояи бонкҳои кишвар афзоиш ёфта истодаанд. Аммо дар ин солҳо бархе аз бонкҳои тиҷоратӣ муфлис гаштаанд. Сабаби он оварда нашудааст.
2. Дар саҳифаи 16-и автореферати диссертатсия омилҳои кам гардидани сармоягузориҳои бонкӣ ба воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳо ба таври муфассал оварда шудаанд. Аммо роҳҳои бартараф кардани муаммоҳои ҷойдошта пешниҳод карда нашудаанд.

Дар маҷмуъ эродҳои таъкидшуда арзиши мусбат ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунанд ва хусусияти шарҳ ва тафсилотдиҳӣ доранд. Вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд ва ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқанд.

Аз рӯйи автореферат, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол, таҳти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин, Шарифзода Нурулло Шарифро барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор медонем.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи идоракунии**
**иқтисодиёт ва маркетинги**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров"** **Қодирзода А.**

**Имзои Қодирзода А.-ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров":** **З.С.Сайдуллозода**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
**Телефон:** (+992-3422) 6-52-73
**E-mail:** kadir55@mail.ru
**Сомона:** https://www.hgu.tj/page/university.html